«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
_____________ Ҷӯразода Ҷ.Ҳ.
«22» _сентябр_ 2018

# ХУЛОСАИ

## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи «Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд)» дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи номзадӣ унвонҷӯ Бобоҷонова Мутриба Султоновна дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба ҳайси муаллима фаъолият бурдааст.

Роҳбари илмӣ – Бобоҷонова Р.М., доктори илмҳои филология, муовини Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокима чунин қарор қабул карда шуд:

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ навишта шудааст. Бартарии кори мазкур дар масъалагузории далелнок ва услуби баёни возеҳ мебошад. Дар диссертатсия масъалаҳои риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилояти Суғд ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Муҳимияти мавзӯъ:** Омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои этикаи касбӣ, ҳамчунин равишҳои муносибат ба меъёрҳои ахлоқӣ яке

аз мавзӯъҳои муҳими илм ва амалияи журналистика дар замони муосир маҳсуб мешавад. Риояи этикаи касбӣ дар фаъолияти журналист барои густариши сатҳу сифати касбият ва муҳимияти маводи журналистӣ аҳамияти махсус дорад. Татбиқи меъёрҳои ахлоқиву касбӣ дар фаъолияти журналистӣ, бахусус, дар шароити муосир як ҷузъи муҳими ҷомеаи озоду демократӣ буда, бо таъмини интихоби дурусти мавзӯъ ва таҳлили воқеии рӯйдодҳои ҷомеа барои мардум ва дарёфти ҳақиқати аслии омилу сабабҳо имкониятҳои васеъ муҳайё месозад.

Рӯй овардан ба омӯзиш ва таҳқиқи илмии масъалаҳои этикӣ дар журналистикаи кишвар аз ҳадафҳои зарурӣ ва саривақтӣ буда, барои муайян ва ҳал намудани нуктаҳои баҳсангез таъсири муфид хоҳад расонд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқи мавзӯъ муайян намудани дараҷаи риояи этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилояти Суғд, нишон додани риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва принсипҳои этикаи касбӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо ва инъикос кардани паҳлӯҳои мавзӯи таҳқиқшаванда, ба ҳалли вазифаҳои зерин кӯшидем:

- муайян кардани унсурҳои меъёрҳои ахлоқии касбӣ дар матбуоти даврӣ то давраи истиқлолияти давлатӣ;

- таҳқиқ ва нишон додани омилҳои зуҳур ва пазироии меъёрҳои ахлоқи касбии журналистӣ дар Тоҷикистон;

- таҳқиқ ва арзёбии қабули аввалин санади идоравӣ доир ба меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигорони матбуоти вилоятӣ;

- шинохти назарӣ ва баррасии дараҷаи риояи меъёрҳои мазкур дар матбуоти гуногунтиппи вилояти Суғд;

- баррасии масъалаҳои этикаи касбӣ ва сатҳи риояи он ҳангоми ҳокимияти давлатӣ бо матбуоти даврии расмӣ;

- эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва муайян намудани риояи меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ ҳангоми нашри мавод;

**Арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Воситаҳои ахбори омма бидуни риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, бо сарфи назар намудани хусусиятҳои менталитетии мардум, арзишҳои хоси ҷомеа наметавонанд муваффақ бошанд. Риояи меъёрҳои ахлоқи касбии журналист дар ВАО муайян ва мушаххаскунандаи комёбӣ ва камбудӣ дар фаъолияти он аст. Таҳқиқи мазкур бо пайгирии мавзӯъ ҳамин заруратро собит ва таъкид месозад. Ин таҳқиқот метавонад ҷанбаҳои назарии журналистикаро пурра гардонида, ба ҳайси адабиёти илмӣ барои таҳқиқотҳои минбаъда доир ба масъалаи мазкур мавриди истифода қарор гирад. Диссертатсия барои дарсҳои Этикаи касбии журналист, Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, Таърихи журналистикаи тоҷик, хондани курси махсуси омӯзишӣ мавод медиҳад. Дар заминаи он таълифи китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ низ имконпазир аст. Диссертатсияи мазкур барои журналистони матбуот ҳамчун роҳнамо дар раванди фаъолияти касбӣ хизмат расонида метавонад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ баён гардидааст. Мазмуни асосии диссертатсия дар 13 мақолаи муаллиф инъикос гардидаст, ки аз инҳо 3 мақола дар маҷаллаи руйхати аз ҷониби КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсия Русия эътироф гардида, ба табъ расидааст.

Диссертатсияи илмии «Махсусиятҳои этикӣ дар журналистикаи маҳаллӣ (дар мисоли матбуоти вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул гардидааст. Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 15 нафар, “зид” ва “бетараф”- нест.

Қарори № 2, аз 20 сентябри соли 2017.

Мудири кафедраи журналистика
ва назарияи тарҷума, дотсент Самадова Дилбар

Котиб, номзади илмҳои филология Қосимова Инобат

«Тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДХ Ашрапова Заррина

Суроға:
735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
Гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
e-mail: hgu@mail.tj
www.hgu.tj
тел: (+992) 8342264715